# ТЕСТИ НАВЪИ МУАЙЯН КАРДАНИ МУВОФИҚАТ

***Мирзоматов Нурилло****, сармутахассиси фанни забони тоҷикии раёсати таҳияи маводди имтиҳони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*E-mail: mirzomatov@mail.ru*

Яке аз навъҳои саволу масъалаҳо дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ муайян кардани мувофиқат, масалан, нишон додани мувофиқати калимаю ибора ва ҷумлаҳои як қатор бо қатори рӯбарӯ аст.

Мисол, дар як қатор (сутун) 4 калима (ё мафҳумҳо, формулаҳо функсияҳо) қатор чида шудааст, аз қатори дуюм, ки аз 5 ҷавоб иборат аст, мувофиқу муносибашро меёбед ва танҳо як калимаи номувофиқ, номуносиб ё "бегона" боқӣ мемонад.

Чун дар ин ҷо 4 ҷавоб ёфта мешавад, барои ҳар як ҷавоби дуруст 1-холӣ, ҳамагӣ 4 хол муқаррар шудааст.

Барои ин саволнавис аввал мақсадро муайян мекунад, ки чиро месанҷад ва муайян менамояд. Вобаста аз он савол ё масъалаҳо барои санҷидани дониш ё малакаю маҳорати озмудашаванда ва ба он баҳои сазовор додан таҳия карда мешавад. Як мисоли одӣ аз як маҷмӯаи (ба ном) тестҳо барои фаҳмидану хулосабарории шумо:

Воситаи алоқаи изофиро истифода бурда, **сифати мувофиқи ин калимаҳоро нишон диҳед**:

| | |
|---|---|
| **модар** | *зулол* |
| **себ** | *меҳрубон* |
| **нон** | *сурх* |
| **об** | *зебо* |
| | *гарм* |

Дар таҳияи тестҳо масъала ва саволу ҷавоб бояд мантиқан дуруст буда, ба санҷидашаванда муносибати самимона, хайрхоҳона, дӯстона бояд кард. Оё масъалаи гузошташуда дар мисоли боло ва ҷавобҳои он мантиқан дурустанд? Ба назар зоҳиран бенуқс менамояд, аммо начандон дуруст аст. Мо ин ҷо барои ба шумо фаҳмо шудани зинаҳои таҳияи масъала саволро аввал чунин пешниҳод намудем. Аммо агар ин масъаларо ба қоидаҳои тестсозӣ мувофиқ сохтанӣ шавем, онро чунин таҳрир кардан мумкин аст:

**Бо истифодаи воситаи алоқаи изофӣ сифати аз ҳама мувофиқи ин калимаҳоро (исмҳоро) нишон диҳед**:

**падар**
**модар**
**хоҳар**
**бародар**

Калимаҳоро ҳар тавре ки мехоҳем, гузошта наметавонем. Бояд ин калимаҳо аз як навъ (аз рӯйи шакл ё мазмун) бошанд ва саволу масъаларо чунон пешниҳод намоем, ки санҷидашавандаро гаранг накунад ва ба кӯчаи сарбаста ворид насозад, балки ӯ таҳлилу муқоиса карда, хулосаи дуруст бароварда тавонад. Дақиқтараш, ӯ аз гунаи ҷавобҳои пешниҳодшуда имкони интихоби ҷавоби дуруст ва роҳи росту беғалатро ҳам дошта бошад, вале дар хусуси онҳо фикру андеша низ кунад.

Пас, ҷавобҳо ин тавр бошанд, аз рӯйи мантиқ дурусттар мебуд:

| | |
|---|---|
| **падар** | *меҳрубон* |
| **модар** | *қадрдон* |
| **хоҳар** | *дилбанд* |
| **бародар** | *дилсӯз* |
| | *бузургвор* |

Ба калимаи *падар* сифати аз ҳама мувофиқ кадом аст, ки ба калимаҳои дигар начандон мувофиқ аст ё тамоман мувофиқ нест? Мо аз сутуни дуюм калимаи *бузургвор*ро интихоб намудем: падари *бузургвор.*

Ҳамин тариқ, ба калимаи модар *сифати меҳрубон,* ба хоҳар *дилсӯз* ва ба калимаи бародар *қадрдон*ро интихоб кардем. Калимаи *дилбанд,* ки ба модар ва хоҳар низ мувофиқ буда метавонад, дар ин маврид ҷойи калимаҳои аввал интихобшударо гирифта наметавонад.

Ин гуна саволу ҷавоб ё машқу масъалаҳо дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ каму беш дучор меоянд. Мисол, дар китоби дарсии “Забони тоҷикӣ” барои хонандагони синфи 5-ум (Ш. Бобомуродов, С. Сабзаев, С. Набиева. Душанбе – 2008, саҳ. 15) чунин овардаанд:

**Машқи 19.** Аз калимаҳои зерин ибора созед.

| | |
|---|---|
| устод | *калон* |
| бозор | *сахтгир* |
| боғ | *баланд* |
| кӯҳ | *сермағал* |
| базм | *хуррам* |
| мактаб | *дӯстӣ* |

Нахуст ин ки савол чандон пурра ва дақиқу бенуқсон ҳам нест. Бояд он, ба назари мо, ин тавр гузошта шавад: аз калимаҳои зерин **ибораҳои муносиб** созед. Сипас, агар ақаллан калимаи аввал – **усто**дро гирем, аз он ба воситаи калимаҳои рӯбарӯ додашуда чунин ибораҳо ҳам сохтан мумкин аст: ***устоди сахтгир, калон, ҳатто сермағал ва баланд, ба маънои қадбаланд*** ҳам гуфтан мумкин аст. (Ба хотири мо чунин ибораҳо расид-ку?) Барои он ки чунин нашавад, боз саволро пурратар мекунем: аз калимаҳои сутуни дуюм (рӯбарӯ) истифода намуда, бо калимаҳои сутуни аввал яктоӣ **ибораи изофии мувофиқ** созед. Мисол: *устоди сахтгир...* (ин боз аз он вобаста аст, ки дар синфи 5-ум хонандагон ибораи изофиро аз навъи дигари ибораҳо фарқ мекунанд ё не?).

Дар ин ҷо ба ҳар калима аз сутуни рӯбарӯ танҳо яктоӣ калимаи мувофиқ рост меояд. Аммо дар масъалаҳое, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ истифода мешаванд, дар гурӯҳи интихоб ҷавоб якто зиёд аст. Ин имкон медиҳад, ки дониш ва завқи ҳақиқии хонандагон санҷида ва ё машқ дода шавад. Аз он мисоли китоби дарсӣ магар ман ҳақ надорам, ки чунин нависам: *бозори калон, бозори сермағал (ва ҳатто дӯстӣ)*?!)

Яъне, масъала ва саволу ҷавоб бояд фаҳмо, шаффоф бошад ва озмоишшавандаро ба фикр кардан водор кунад.

Омилҳои шаффофӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ танҳо вобаста аз ташкил ва баргузории он нест. Таҳия ва пешниҳоди саволу масъалаҳои мантиқан беиллат, дистракторҳои тест ва навъу намудҳои он ва ҷавобҳои дурусту дақиқ, на духӯра, низ омили муҳими чунин сифатҳост. Он гоҳ чунин мисолу масъалаҳо танҳо на барои омодагӣ ба имтиҳонҳои мазкур, балки боиси рушди нутқу тафаккур ва зебоии забон низ хоҳад шуд.